# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

Ҳанӯз аз замони пайдоиш ва шинохти худ инсоният ба мустақилияти фикрӣ ниёз дорад ва ҳамеша кӯшиш мекунад, ки ин неруи зеҳнии худро дар фазои оромии сиёсие, ки дорои истиқлолияти фарҳангӣ аст, баровардa созад. Бо шукргузорӣ аз истиқлолияти комили сиёсӣ-фарҳангии кишвар имрӯз муҳаққиқи ҷавон Салимов Аслиддин Иномҷонович аз ин фазои мусоид истифода бурда, баъд аз меҳнатҳои зиёди шабонарӯзӣ рисолаи илмии худро зери унвони «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик» барои ҳимоя пешниҳод кардааст. Чуноне ки аз автореферати диссертатсияи мазкур аён аст, мубрамияти таҳқиқи мавзуро консепсияи умумиҷаҳонии адолат бо такя ба баробарӣ ва озодӣ ташкил медиҳад, зеро ин мафҳумҳо бо ҳамдигар алоқамандӣ дошта, маҳз таносуби баробарӣ ва озодӣ меъёри муайянкунадаи адолат дар ҷомеаи инсонӣ дониста мешаванд. Ба андешаи муҳаққиқ, равшанӣ андохтан ба нуқтаҳои баҳснок ва ҳанӯз ҳалношудаи ин мавзуъ вазифаи асосии пажӯҳишгарони таърихи фалсафа ва муҳаққиқони пуркору ботадбири фалсафаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар робита ба омӯзиш ва ҳаллу фасли масъалаҳои муҳими фалсафӣ-иҷтимоии ҳар як миллат донишмандон метавонанд масъалаи доғи рӯз, яъне омӯзиш, таҳлил ва ошкор кардани мероси илмӣ-фарҳангӣ ва миллии халқи тоҷикро бо санадҳои илмӣ асоснок созанд. Агар ба омӯзиши таърихии фалсафа назар андозем, маълум мегардад, ки он ба маънои имрӯза, ки дар Ғарб ҳанӯз дар асри XX қабул шуда буд, маънидод гардидааст. Ҳамчунин, муҳимтарин унсурҳои ин масъаларо дар андешаҳои муҳаққиқони тоҷик вобаста ба масъалаҳои фалсафӣ, этикӣ, эстетикӣ, иҷтимоӣ ва мантиқӣ дар осори адабию фалсафии

Форобӣ, Фирдавсӣ, Ибн Сино, Носири Хусрав, Саъдӣ, Румӣ, Ҷомӣ ва дигарон, ки ҷанбаи муназзами илмӣ доранд, мушоҳида кардан мумкин аст. Ин анъанаи илмӣ бо такмили хоси соҳавӣ то замони мо расидааст, ки намунаи онро дар осори муҳққиқони ватанию хориҷӣ – А.М. Баҳоваддинов, К. Олимов, А. Турсунов, М. Диноршоев, Р. Комилов, У. Султонов, Х. Зиёев, С. Ахмедов, С. Ятимов, Андерсон К, Грецкий С, Свентоховский А, Гуторов В, Баталов Э.Я, Батраков С.П. ва дигарон мушоҳида кардан мумкин аст. Бешубҳа диссертатсияи Салимов А. дар ин самт – таърихи фалсафа, дар таъихи илми муосири тоҷик як кори муҳим ва саривақтӣ буда, метавонад дар рушди худшиносӣ, худогоҳӣ, бедорӣ ва шинохти ҳувияти миллии ҳар як шахси озодихоҳи ин кишвар таъсири мусбат расонад.

Яке аз натиҷагириҳои муҳимми илмии Салимов А.И. дар автореферати диссертатсия ин аст, ки ӯ таърихи фалсафаро ҳамчун соҳае мепиндорад, ки дар он масоили фалсафаи иҷтимоӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор мегирад ва арзишҳои инсоние, ки меъёри шахсиятро муайян мекунанд аз рӯи қонунҳои он матраҳ мегардад. Чуноне ки муаллифи рисола қайд мекунад, дар таҳлили мафҳуми “баробарии иҷтимоӣ” дар таърихи фалсафа, алоқамандӣ ва таносуби ин мафҳум бо мафҳумҳои «озодӣ», “адолат”, “ҳуқуқҳои табиӣ” дар таърихи фалсафаи тоҷик ҳамчун меъёри қонунафзое маҳсуб мешавад, ки барои ҳамагон умумиятро ба вуҷуд меорад. Мусаллам аст, ки чунин таҳқиқот самтҳои куллии арзишҳои инсониро фарогир буда метавонад ва танҳо аз ҷониби муҳаққиқони таърихи фалсафа ба роҳ монда мешавад.

Дар автореферати диссертатсия Салимов А.И. собит намудааст, ки мутафаккирон новобаста ба давру замон оид ба идеяи баробарӣ бо ҳам мухталиф буда, “баробарии сиёсӣ”, “баробарии иқтисодӣ” ва “баробарӣ дар имконият”-ро вобаста ба мавқеъ ва замон баррасӣ кардаанд. Дуруст аст, ки ин масъала дар тули таърихи фалсафа ҳамеша таваҷҷуҳи донишмандонро ҷалб мекард ва онҳо мекушиданд ин мафҳумҳои инсонофарро дар асоси қолабҳои илмӣ тарвиҷ диҳанд. Инчунин, ба андешаи ӯ, қабл аз он ки ин

мафҳумҳо ҳамчун мақулаҳои илми фалсафа мавқеи устувор дошта бошанд, бояд дар он зарурати ворид кардани мафҳумҳои нави калидӣ ба миён меояд ва дар заминаи онҳо дарк карда шавад, ки озодиҳои инсон аз ҳама мансубиятҳои ба озодӣ марбут болотаранд.

Дар автореферати диссертатсияи номзадии Салимов А. ҳамчунин маълумоти муфиди илмӣ, фалсафӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ гирдовардӣ шудааст, ки ба самтҳои таҳқиқношудаи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ дар ин марҳилаи навини таърихии давлатдорӣ равшанӣ андохта, фаҳмиши иҷтимоии миллиро аз хатарҳои глобалии сайёра, махсусан, «бархурди тамаддунҳо», ки дар замони имрӯз бо сурати номустақим бештар зуҳур кардааст, эмин медорад.

Мақолаҳои илмии Салимов А., ки дар охири автореферати диссертатсия оварда шуда, муҳтавои мавзуи таҳқиқро тақвият мебахшанд.

Дар баробари муваффақиятҳое, ки диссертант дар натиҷаи таҳқиқи мавзуъ ба даст овараасту зикрашонро кардем, дар автореферати диссертатсия чанде норасоиҳо низ ҷой доранд:

1. Якчанд рисолаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ҳастанд, ки ба рисолаи илмии мазкур хеле наздиканд. Агар диссертант аз онҳо самаранок истифода мебурд ва дар рӯйхати адабиёт зикр мекард, барои беҳбудии кор мебуд.
2. Аз фишурдаи рисола ба назар мерасад, ки ба афкори муҳаққиқони хориҷӣ таваҷҷӯҳ нисбатан бештар дода шудааст. Ба назари мо, агар дар таҳқиқҳои минбаъда ба асарҳои олимони ватанӣ зиёдтар таваҷҷӯҳ дода шавад, хуб мешуд.
3. Дар автореферати диссертатсия камбудиҳои техникӣ ва ҳам имлогӣ ҷой доранд.

Норасоиҳои зикршуда ислоҳшаванда буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо кам намекунанд.

Ҳамин тариқ, рисолаи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзӯи «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии

тоҷик», як кори арзишманду мукаммали ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, мавсуф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сазовор аст.

Номзади илмҳои фалсафа,
дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии
фалсафаи МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Ҳасанова З.А.

Имзои дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии
фалсафаи МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"
Ҳасанова З.А.-ро тасдиқ менамоям
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Наврӯзов Э.М.

01.11.2023